Волоҳазрат Шоҳзода Раҳим Оғохони V, Изҳороти Канслер - Донишгоҳи Осиёи Марказӣ – Маросими хатми таҳсили соли 2025

Муҳтарам Вазирон!

Муҳтарам раисони вилоятҳо!

Раис ва аъзои Шӯрои парасторони Донишгоҳ!

Ректор, ҳайати омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ!

Волидайн, шарикони ҳамкор ва дӯстон!

Ва махсусан хатмкунандагони азизи соли таҳсили 2025!

Ман басо хурсандам, ки дар ин рӯзи махсус бо шумо ва оилаҳои шумо ҳамроҳ шуда, мехоҳам чанд нуқотеро оид ба ҷашн гирифтани ин марҳилаи муҳим изҳор намоям. Дар ҳоле ки мутаассифона шахсан ҳамроҳи шумо нестам *Иншоаллоҳ*, интизорам, ки ба зудӣ аз Донишгоҳ боздид ба амал орам. Ман мефаҳмам, ки ҷашни хатм ҳам дар кампуси донишгоҳ дар шаҳри Хоруғ ва ҳам дар кампуси донишгоҳи мо дар шаҳри Нарин давом дорад ва хеле хурсандам, ки бо шарофати мӯъҷизаҳои технологияи муосир, ҳатто ба тbabри маҷозӣ ҳам бошад, дар ҳар ду маросими хатм иштирок мекунам.

Ман суханрониамро бо табрикоти самимии хатмкунандагони донишгоҳ дар ин рӯз оғоз менамоям, ки он мехнати панҷсолаи шумо, муаллимони шумо ва заҳматҳои оилаҳои шуморо ҷамъбаст менамояд. Шумо имрӯз донишгоҳро бо дипломҳои дараҷаи таҳсилот тарк менамоед, ки ин шаҳодати муваффақияти шумост. Шумо дониши дар тӯли таҳсилатон дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба дастовардаро бо худ мебаред.

Маросими имрӯза на танҳо ҷашни дастовардҳои шумо, балки имконест барои мо то 25-умин солгарди имзои Шартномаи байнилмилалиро таҷлил намоем, ки тибқи он Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳамчун донишгоҳи минтақавӣ тавассути ҳамкории фавқуллодаи давлатҳои муассис - Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ва Имомати Исмоилиён таъсис дода шуд. Мо дар ҳамкорӣ бо шарикони худ ва ҷонибҳои манфиатдор дар тӯли 25 сол ба дастовардҳои бузург ноил шудем, вале барои амалӣ намудани ҳадафҳо ва орзуҳои худ мо бояд корҳои зиёдеро низ анҷом диҳем.

Ин аввалин муроҷиати ман ҳамчун Канселери донишгоҳ ба шумо аст ва мехоҳам онро бо эътирофи нақши падари марҳумам дар таҳия, ташакул, таъсис ва татбиқи ин лоиҳаи ғайриоддӣ ва пешгом оғоз намоям. Ин донишгоҳ як бахше аз мероси ғании Ӯ хоҳад буд ва ман аз пай Ӯ қадамҳои калон хоҳам гузошт.

Агар Ӯ имрӯз дар миёни мо мебуд, аз мушоҳидаи дастовардҳои хатмкунандагони ин соли таҳсил шоду фараҳманд мегардид.

Ман кӯмаки худро барои фаъолияти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва тамоми талошҳои густурдаи Ташкилоти Оғохон ба Рушд дар беҳтар намудани зиндагии мардуми Осиёи Марказӣ дар ҳамкории зич бо ҳукуматҳо ва дигар ҳамкорони арҷманд тавассути кӯшишҳо ва лоиҳаҳои муштаракамон, идома хоҳам дод.

Дастрасӣ ба таҳсилоти босифат як рукни бунёдии шеваи кори мо буда, он метавонад барои рушд таъсири пойдор ва тағйирпазир дошта бошад.

Мо бо мурури пешравиамон оид ба дастовардҳои 25 соли охир андеша менамоем то ки ба 25 соли оянда ба таври назаррас бо дарназардошти он ки чиро омӯхтем ва чи тавр ҷаҳони имрӯз дар атрофи мо тағйир ёфтааст, таъсири амиқ гузорем.

Мо марҳалаи тағйироти кулливро аз сар мегузаронем, ки дар он суръати пешравиҳои технологӣ вусъат меёбад. Мо инчунини шоҳиди таъсири манфиии тағирёбии иқлим ба ҳаётамон ҳастем ва он масъалаи махсусан муҳим дар манотиқи кӯҳистон аст, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар он ҷо фаъолият мекунад. Моҳияти рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар тамоюли тиҷорат ва дар заминаи ноустувори геополитикӣ ба таври назаррас тағйир меёбад.

Дар ин замина, ман умедворам, ки хатмкунандагони соли таҳсили 2025 баҳри ҳалли мушкилоти дарпешистода мавқеъи хуберо ишғол намудаанд. Ихтисосҳое, ки шумо омӯхтаед, хоҳ онҳо дар риштаи иқтисод, илмҳои компютерӣ, иртиботот ва ВАО, ва ё илмҳои заминшиносӣ ва муҳити зист бошанд, аҳамияти махсус доранд. Муҳимтар аз ҳама он чизе аст, ки барномаҳои Донишгоҳ таваҷҷӯҳ ва шавқи шуморо ба доираи васеъи фанҳо равона намуда, қобилияти омӯхтан ва тафаккури интиқодии шуморо инкишоф медиҳад. Шумо инчунин забонҳои миллии худ, забони англисӣ ва забони байналмилалии интернетро хуб медонед.

Санҷиши ҷиддӣ ва нишондиҳандаи арзиши донишгоҳ ин аст, ки хатмкунандагони он дар оянда чӣ ҳол хоҳанд дошт - онҳо бо дараҷаи таҳсилоти худ ба чи кор машғул хоҳанд шуд. Ман боварии комил дорам, ки хатмкунандагони донишгоҳ дар оянда дар ҷомеа саҳми бузург хоҳанд гузошт ва таманиёти беҳтарин ва дуои ман бо шумо ва барои муваффақияту хушбахтии шумоанд.

Дар хотима миннатдории амиқи худро ба ҳамаи онҳое, ки имкони анҷом додани ин сафарро дар тӯли 25 соли охир фароҳам оварданд изҳор менамоям. Онҳо давлатҳои муассис, омӯзгорон ва кормандон, Шӯрои парасторон, саҳмгузорон, ихтиёриён ва муҳимтар аз ҳама, ҷомеаъҳое мебошанд, ки ин Донишгоҳро дар муҳити хеш пазируфтаанд. Роҳи дарпешистода дорои мушкилоту имконоти нав хоҳад буд. Биёед ин роҳро ҳамроҳ бо ҳадафи ҳамкории муштарак ва умеду орзуҳои нав тай намоем.

Ташаккур!